# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-093 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ ба диссертатсияи Зубайдуллозода Саидҷон Хайрулло дар мавзуи «Қубодиён дар асри XX – ибтидои асри XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 - Таърихи ватанӣ).

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати раиси комиссия – профессор, д.и.т. Абдурашитов Ф.М., аъзоёни комиссия профессор, д.и.т. Убайдулло Н.К ва профессор, д.и.т. Қурбонзода Х. ки бо қарори Шурои диссертатсионии 6D.KOA-093 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ аз 27.03.2025 таъсис дода шудааст, диссертатсияи Зубайдуллозода Саидҷон Хайруллоро дар мавзуи «Қубодиён дар асри XX – ибтидои асри XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 - Таърихи ватанӣ) баррасӣ намуда, хулосаи зерин баровард:

Рисолаи илмии Зубайдуллозода Саидҷон Хайрулло дар мавзуи «Қубодиён дар асри XX – ибтидои асри XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 - Таърихи ватанӣ) таҳқиқоти мустақилона ва комил буда, ба талаботи муқарраршуда нисбат ба рисолаҳои илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос мувофиқ аст. Мавзуи интихобшуда дар илми таърихшиносии тоҷик яке аз масъалаҳои мубрам ва дорои аҳаммияти баланди илмӣ ба шумор меравад.

1. **Мубрамияти мавзуи таҳқиқот,** пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки омӯзиши таърихи минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ барои таҳқиқи мукаммали таърихи ҷомеи халқи тоҷик мусоидат намуда, дар ташаккул ва таҳкими худшиносии миллӣ дар кишвар нақши муҳимро соҳиб мебошад. Мубрамияти мавзуи интихобшуда боз дар он аст, дар нимаи дуюми асри XIX – ибтидои асри XX пас аз ба тасарруфи Россия гузаштани минтақаи Осиёи Марказӣ (Миёна) дар ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии минтақа, аз ҷумла Бухорои Шарқӣ таҳаввулоти ҷиддӣ ба миён омад. Яке аз он дигаргуниҳо ин афзудани таваҷҷуҳи муҳаққиқони хориҷӣ, ба вижа таҳқиқотчиёни рус ба таъриху фарҳанги минтақа, аз ҷумла халқи тоҷик мебошад. Аз ҷумла, новобаста аз шароити душвор, набудани роҳу наклиёт таваҷҷуҳи муҳаққиқон дар баробари дигар маҳалҳо ба таъриху фарҳанг, вазъи иқтисодию иҷтимоӣ

ва фарҳангии минтақаи Қубодиён низ равона гардида, аз ҷониби онҳо баъзе паҳлуҳои он мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Аммо таҳлили таърихнигорӣ нишон медиҳад, ки дар муқоиса омӯзиши таъриху фарҳанг ва вазъи иқтисодию иҷтимоии нохияхои ҷанубу шарқӣ ва марказии Тоҷикистон (Бухорои Шарқӣ) нисбат ба ноҳияҳои шимолии ҷумҳурӣ аз ҷониби муҳаққиқону таърихшиносон ба таври зарурӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Аз тарафи дигар, таълифоту навиштаҳои ин муҳаққиқон доир ба таърихи ин давраи Қубодиён низ мавриди баррасии нақди таърихӣ нагардидаанд. Ҳол он, ки асарҳои илмие, ки паҳлуҳои мухталифи таъриху фарҳанги ин минтақаро мавриди омӯзиш қарор додаанд, якранг нестанд ва марҳалаҳои гуногуни таърихи онро мавриди таҳқиқ қарор додаанд.

Рисолаи илмӣ дар асоси манобеи муътамади гуногун, таҳқиқоту мақолаҳои илмӣ таърихи Қубодиён дар асрҳои XX – ибтидои XXI-ро, ки аз нигоҳи даврабандӣ се марҳала– замони амирӣ, давраи шуравӣ ва замони соҳибистиқлолиро фаро мегирад, навишта шудааст.

2. **Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот**. Мақсади асосии рисола мавриди таҳқиқ қарор додани ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии Қубодиёнро дар асри XX – ибтидои асри XXI мебошад. Дар таҳқиқот сохтори маъмурӣ, шароити маданӣ-маишии мардум, касбу кор, ҳунармандӣ, низоми андоз ва мақоми илму фарҳанги Қубодиён ҳамчун масъалаҳои афзалиятнок муайян шудааст.

3. **Навгонии илмии таҳқиқот.** Дар рисолаи илмӣ бори нахуст таърихи минтақаи Қубодиён, дар се марҳалаи таърихӣ, аз замони амирӣ (ибтидои асри XX) то ба замони соҳибистиқлолӣ ба шакли маҷмуъ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Диссертант, беш аз ҳама ба масоили гуногун, аз ҷумла сохтори маъмурӣ, вазъи иқтисодию иҷтимоӣ, рушди соҳаи кишоварзӣ, чорводорӣ, ҳаёти фарҳангӣ, вазъи ҳунармандӣ дар давраи амирӣ таваҷҷуҳ намудааст. Ҳамзамон, дар марҳалаи дуюм ба масоили раванди барпо намудани Ҳокимияти Шуравӣ дар Қубодиён, сохтмони ҷомеаи шуравӣ ва дигаргунсозиҳои иқтисодию иҷтимоии дар ин марҳила ба вуқуъ омада, диққат дода, тавонистааст то ҳадди муайян онҳоро дар асоси далелу санадҳои амиқ инъикос намояд. Марҳилаи сеюми дар диссертация мавриди таҳқиқ қарор гирифта ин инъикоси раванди таҳаввулоти куллии иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии ноҳияи Қубодиён дар замони соҳибистиқлолӣ мебошад, ки унвонҷӯ бо истифода аз маълумоти гуногуни расмию оморӣ, маводи бойгонӣ раванди дигаргунсозиҳо ва рушди ноҳия, дастовардҳои назарраси ин

марҳилаи рушдро бо таҳлиу далелҳои илмӣ тасвир намояд. Дар маҷмуъ, унвонҷӯ маводи нав ва зиёди таърихиро ба гардиши илмӣ бароварда, таърихи ноҳияи Қубодиёнро дар се марҳалаи таърихӣ бо истифода аз методҳои муосири илмӣ таҳқиқ менамояд.

4. **Аҳаммияти илмию назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки муқаррарот ва хулосаҳои асосии таҳқиқотро ҳангоми таҳияи асарҳои илмии ҷамбастӣ оид ба таърихи халқи тоҷик, китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ ва таълимӣ, тартибдиҳии курсҳои махсус доир ба таърихи минтақаҳои алоҳидаи Тоҷикистон метавон истифода намуд. Маводи илмии рисола барои донишҷӯёну магистрон, докторантҳо ва дигар пажуҳандагони самти таърих низ аз аҳаммияти вежа холӣ нест.

5. **Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот,** пеш аз ҳама дар муқаррар намудани сатҳи навгонии мавзуи таҳқиқшаванда, муайян намудани ҳадаф ва вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқот, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ зоҳир меёбанд. Унвонҷӯ тавассути мақолаҳо ва маърузаҳои илмӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ тавонистааст муҳтаво ва мазмуни дастоварди илмии худро ба самъи мутахассисони соҳа расонида, мустақилона ба иҷрои ҳадаф ва вазифаҳои дар пеш гузошта дастёб гардад ва рисолаи комили анҷомёфтаро барои дифоъ пешниҳод намояд.

6. **Диссертатсия ба талаботи банди** 51 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267) ҷавобгӯ буда, дар кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро гардидааст. Ҳамзамон рисола дар кафедраи мазкур ва шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ муҳокима гардида, барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-093 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ тавсия дода шудааст.

7. Хулоса дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ муҳокима гардида, баҳои мусбат гирифтааст.

8. Диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои муҳим дар соҳаи илми таърихи ватанӣ ба шумор меравад, ки он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

9. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ, ки вобаста аз он ба шурои диссертатсионӣ

мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми декабри соли 2021, № 349 ҳуқуқи қабул ва баррасии диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми марти соли 2025, №4 тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

10. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 11 мақолаи илмӣ, аз он 6 мақола дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия ба табъ расидаанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба талаботи банди 34 ва 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

11. Дар диссертатсияи Зубайдуллозода Саидҷон Хайрулло истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳама манобеъ ва асарҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шуданд, ки ин аз риоя шудани талаботи банди 37-и Тартиботи додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Асолати матни диссертатсия 86,52%-ро аз ҳаҷми умумии кор ифода мекунад, ки бо маълумотнома тасдиқ карда шудааст. Иқтибосҳо ба расмият дароварда шудаанд.

12. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Зубайдуллозода Саидҷон Хайрулло маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопнагардида мавҷуд нест.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Зубайдуллозода Саидҷон Хайрулло дар мавзуи «Қубодиён дар асри XX – ибтидои асри XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа(PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 - Таърихи ватанӣ) баррасӣ намуда, дар асоси талаботи банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267),

ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Зубайдуллозода Саидҷон Хайрулло дар мавзуи «Қубодиён дар асри XX – ибтидои асри XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 - Таърихи ватанӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 6D020301 - Таърихи ватанӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:
   Собирова Қурбонбегим Давлатқадамовна д.и.т., профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
   Маҳмадзода Убайдулло Давлат н.и.т., дотсент, декани факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ тавсия дода шавад.
4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Иниститути таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.
5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсоли он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои таърих Абдурашитов Ф.М.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои таърих, профессор Убайдулло Н.К.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои таърих Қурбонзода Х.

Имзоҳои Абдулрашитов Ф.М., Убайдулло Н.К, Қурбонзода Х.-ро тасдиқ мекунам:

Нозири калони шуъбаи кадрҳои
Институти таърих, бостоншиносӣ
ва мардумшиносии ба номи
А. Дониши АМИТ Файзуллоева Г.К.

«30» 10 соли 2025